Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-004
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак,
шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 8

# ТАҚРИЗ

оид ба автореферати диссертатсияи Восидиён Фарҳод Саъдулло дар мавзуи «Нақши мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ дар ташаккули сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 - Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)).

Дар шароити ноустуворӣ ва зудтағйирёбандаи иқтисоди ҷаҳон, бахусус таҳдидҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодӣ, инчунин тағйирёбии муносибатҳо байни кишварҳои абарқудрат, ҷоринамоии таҳримҳо ва мунокишаҳои тиҷоратӣ низоми мукаммали банақшагирии стратегӣ дар ҳар як кишвар нақши калидӣ мебозад.

Маҳз тавассути низоми дурусти банақшагирии стратегӣ метавон бо назардошти хавфҳои ҷойдошта ва иқтидору имкониятҳои воқеии соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ҳадафҳои стратегиро ба нақша гирифт ва ҷиҳати ноил гардидан ба онҳо тадбирҳои муайянро пешбинӣ намуд.

Омӯзиши таҷрибаи кишварҳои муваффақи ҷаҳон нишон медиҳад, ки новобаста аз таҳдиду хатарҳои ҷаҳони имрӯза онҳо устувории макроиқтисодиро дар заминаи низоми мукаммали банақшагирии стратегӣ таъмин намуда истодаанд.

Нуктаҳои қайдгардида аз он шаҳодат медиҳад, ки Восидиён Фарҳод Саъдулло дар таҳқиқоти диссертатсионии худ ба яке аз масъалаҳои мубрами рӯз - «Нақши мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ дар ташаккули сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таваҷҷуҳ намуда, вазифаҳои гузошташударо пурра ҳаллу фасл намудааст.

Омӯзиши автореферати диссертатсия нишон дод, ки масъалаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии банақшагирии стратегӣ мавриди таҳлили ҳаматарафа қарор дода шуда, тавсияву пешниҳодҳо барои мукаммалгардонии низом дар кишвар манзур карда шудааст.

Аз ҷумла бо дарназардошти омӯзиши назарияҳои олимони дохилию хориҷӣ оид ба мафҳуми банақшагирии стратегӣ муаллиф ақидаи худро пешниҳод намудааст. Инчунин дар заминаи омӯзиши

накши низоми миллии банакшагирии стратегӣ модели низоми банкшагирии стратегӣ барои Тоҷикистон тахия шудааст, ки яке аз навгониҳои кори илмӣ ба ҳисоб меравад.

Муаллиф бо назардошти таҳлили низоми мавҷудаи батанзимдарории давлатии раванди банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар саҳифаҳои 31-32 роҳандозии як қатор чораҳоро пешниҳод намудааст.

Ҳамзамон аз ҷониби муаллиф самтҳо ва тадбирҳои такмили низоми мониторинг ва арзёбӣ дар Тоҷикистон дар ҷадвали 8 оварда шудааст, ки роҳандозии онҳо барои мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ дар кишвар саҳм мегузорад.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ ва дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор доштани низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ масъалаи танзими давлатии ин раванд хело муҳим мебошад. Такмили раванди танзими давлатии низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ коркард ва дар амал татбиқ намудани маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ, инчунин тақвияти заминаҳои институтсионалию инфрасохторӣ ва кадриро дар мамлакат тақозо менамояд (саҳифаи 30).

Дар маҷмуъ аз мазмун ва моҳияти автореферати диссертатсия бар меояд, ки муаллиф тавонистааст паҳлуҳои назариявию методӣ ва институтсионалии ташаккулёбӣ ва рушди низоми банақшагирии стратегиро ҳаматарафа таҳлил намуда, хулосаву тавсияҳои муфид пешниҳод намояд. Натиҷаҳои асосии тадқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

Бо назардошти хусусиятҳои мусбии дар боло зикргардида аз нигоҳи мо дар автореферати диссертатсия баъзе нуқтаҳоро пешниҳод намудан мумкин аст:

1. Ақидаи олимон вобаста ба мафҳуми банақшагирии стратегӣ дар шакли ҷадвал дар сатҳи хуб омода шудааст, вале беҳтар мебуд агар мафҳуми мазкур дар заминаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои таҳлилгардида пешниҳод мегардид.

2. Марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва рушди низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расми 2 тасвир шудааст, вале вобаста ба мазмуну моҳияти давраҳои ташаккулёбӣ дар автореферат тавзеҳот оварда нашудааст.

3. Дар ҷадвали 3 сатҳи таваррум ҳамчун нишондиҳандаи асосии макроиқтисодӣ пешниҳод мегардид, ба манфиати кор мешуд.

Нуктаҳои қайдшуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба сифати таҳқиқоти анҷомдодашудаи муаллиф таъсири манфӣ намерасонанд.

Бо назардошти таҳлили ҳаматарафаи таҳқиқоти анҷомдодашудаи Восидиён Фарҳод Саъдулло дар мавзуи «Нақши мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ дар ташаккули сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» хулоса кардан мумкин аст, ки автореферати нашргардида ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 қабул шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 - Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) мебошад.

Тақриздиҳанда:

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара — Хайрзода Ш.Қ.

(Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.Данғара, к. Маркази 25. Тел: 987-34-60-00; E-mail.shukrulloh-kh-83@list.ru )

Имзои д.и.и., дотсент Хайрзода Ш.Қ.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара — Тоирзода С.Т.

10.05.2025.

ШУЪБАИ КАДРҲО — НАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН — ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА